Ҳар масткунандае май аст ва ҳар масткунанда ҳаром аст ва ҳар кас дар дунё май нӯшад ва дар ҳоли гирифтории он бимирад ва тавба накарда бошад, дар охират онро наменӯшад

Аз Ибни Умар (разияллоҳу анҳумо) ривоят аст, ки Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Ҳар масткунандае май аст ва ҳар масткунанда ҳаром аст ва ҳар кас дар дунё май нӯшад ва дар ҳоли гирифтории он бимирад ва тавба накарда бошад, дар охират онро наменӯшад".

[Саҳеҳ] [رواه مسلم وأخرج البخاري الجملة الأخيرة منه]

Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) баён намуданд, ки ҳар чизе, ки ақли одамиро хира кунад ва аз байн бибарад майи масткунанда аст, чи нӯшиданӣ бошад, чи хурданӣ ва чи бӯйиданӣ ё навъҳои дигар. Аллоҳ Таъоло ҳар он чи ақлро аз байн бибарад ҳаром сохта ва аз он наҳӣ кардааст, кам бошад ё зиёд. Ва ҳар касе яке аз анвоъи ин масткунандаҳоро бинӯшад ва бар ин кор мудовимат дошта бошад ва тавба накарда бимирад, сазовори ҷазои илоҳӣ аст, ки аз нӯшидани он дар биҳишт маҳрум шавад.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/58259